# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ

Мутобиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор", бо мақсади таъмини ҳамкорӣ, танзим ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ таъсис дода шавад.

2. Ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ ва Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1 ва 2).

3. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои қарори мазкурро таъмин намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 27 июли соли 2016 № 331
ш.Душанбе

Замимаи 1
Бо қарари Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "27" июли соли 2016 № 331
тасдиқ шулааст

## Ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ

Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурип Тоҷикистон (Раиси Шӯро);
Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (муовини Раиси Шӯро).

Аъзои Шӯро:

Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Намояндаи бахши хусусӣ (дар мувофиқа);
Котиби масъули Шӯро.